# ТАҚРИЗИ

**роҳбари илмӣ ба диссертатсияи номзадии Раҳимзода Қурбоналӣ Назар дар мавзуи «Ҳаёти илмии халқи тоҷик дар асрҳои XI-XII» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 07.00.10 – Таърихи илм ва техника (илмҳои таърих).**

Аз ошноиӣ бо сарчашмаҳои гуногун бармеояд, ки гузаштагони миллати тоҷик дар қатори чанд миллати тамаддунофари дигар дар ташаккул ва пешрафти илму фарҳанги ҷаҳон саҳми бузург гузоштаанд. Дар аҳди исломӣ низ донишмандони тоҷик аз поягузорони тамаддуни исломӣ буданд. Дар асрҳои XI-XII низ риштаҳо дар пешрафти илм, аз ҷумла риштаҳои улуми дақиқ, табиатшиносӣ ва ҷамъиятшиносӣ тоҷикон дар байни дигар халқҳои мусулмон аз пештозон буданд. Онҳо дар ин давра низ мисли асрҳои гузашта дар илмҳои нуҷум (астрономия), риёзиёт (математика), физика, химия, тиб ва бахусус илмҳои ҷамъиятшиносӣ кашфиёту навовариҳои зиёде намудаанд. Аз ин ҷиҳат омӯзишу пажӯҳиши ҳаёти илмии асрҳои XI-XII, яъне пас аз пароканда шавии давлати муктадири Сомониён то ҳамлаи муғулҳо ба сарзамини мо хеле зарурӣ ва саривақти буда, дар худшиносию худогоҳии тоҷикони имрӯзу фардо, бахусус ҷавонон нақши муҳимро дороcт.

Диссертатсия аз сарсухан, ду боб, ҳафт зербоб, хулоса, рӯйхати сарчашмаҳо ва адабиёти истифодашуда иборат аст.

Дар муқаддимаи диссертатсия мубрамияти мавзуи диссертатсионӣ асоснок гардида, дараҷаи коркарди он муайян шуда, мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот, услуб ва усули мавзуъ мушаххас гардида, аҳамияти назариявӣ ва амалии кор таъкид мешавад, манбаъҳо ва навгонии илмии таҳқиқот, инчунин муқаррароти асосии ба ҳимоя пешниҳодшавнда муайян мегардад.

Боби якуми диссертатсия “Вазъи илмҳои дақиқ ва табиатшиносӣ” дорои чаҳор зербоб бо унвонҳои “Рушди илми нуҷум (астрономия) дар

асрҳои XI-XII", "Пешрафти илми риёзиёт (математика) дар асрҳои XI-XII", "Вазъи илмҳои физика ва химия", "Илми тибби тоҷик дар асрҳои XI-XII", мебошад.

Боби дуюми диссертатсия "Вазъи илмҳои ҷомеашиносӣ" номгузорӣ шуда, дар се зербоб ва бо номҳои "Рушди таърихнависӣ", Илмҳои фалсафа ва таҳаввулот дар афкори файласуфон", ва "Саҳми тоҷикон дар пешрафти илмҳои исломии асрҳои XI-XII" таълиф шудааст.

Қ. Рахимзода аз уҳдаи иҷрои вазифаҳои дар назди худ гузошта: таҳлили раванди рушди илмҳои гуногун, мавриди пажӯҳиш қарор доданӣ ниҳодҳои илмӣ, баррасии саҳми олимон дар рушди такомули илмҳои табиатшиносию ҷомеашиносӣ, ба гардиши илмӣ ворид намудани бархе аз осори чопнашудаи донишмандон, нишон доданӣ таъсири осори донишмандони тоҷик ба эҷодиёти олимони Ғарб бахубӣ баромадааст.

Навгониҳои илмии рисолаи Қ. Раҳимзода дар он зоҳир мегардад, ки бори нахуст дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳқиқоти диссертатсионие пешниҳод намудааст, ки он дар боби ҳаёти илмии халқи тоҷик дар асрҳои XI-XII таҳқиқоти маҷмӯӣ ба ҳисоб меравад.

Саҳми шахсии довталабӣ дарёфтӣ дараҷаи илмӣ дар ба даст овардани натиҷаҳо аз таҳқиқ ва мушаххас намудан вазъи ҳаёти илмии асрҳои XI-XII ва саҳми донишмандони тоҷик дар густариши илмҳои гуногуни ин давра мебошад, ки аз уҳдаи анҷоми он низ ба хубӣ баромадааст.

Хулосаи диссертатсияи Қ. Раҳимзода иборат аз 7 нуктаи муҳим буда, ҳар яке аз онҳо як навъ ҷамъбасти яке аз зербобҳои рисола мебошад. Аз ҷумла дар бораи дастовардҳои риёзидонони асрҳои XI-XII тоҷик муаллиф чунин менависад: муҳимтарин дастовардҳои донишмандони тоҷик дар риштаи риёзиётро метавон чунин хулоса кард: Кушёри Гелонӣ бори аввал дар ҷаҳон силсилаи ҳисобӣ шастиро пурра

маълум намуда, усулҳои махсуси аз тахти решаи квадратӣ ва кубӣ баровардани ададҳоро кашф намуд. Абунасри Ироқ чандсад сол пеш аз Франсуа Вапиди аврупоӣ нахустин бор ба мафҳуми мусалласи қудбӣ ишора карда ва аз он дар сохти мусаллас бо зовияҳои маълум баҳра бурдааст. Абулҳасани Насавӣ усули соддатарини аз решаҳои квадратӣ ва кубӣ баровардани ададро пешниҳод карда, ки риёзидонони аврупоӣ П. Руффини дар соли 1804 ва У. Гарнер дар соли 1819 онро такмил додаанд. Абурайҳони Берунӣ илмҳои риёзӣ нахустин китобӣ мустақили тригонометрияи куравиро дар ҷаҳон бо номи "Мақолид илм ал-ҳия" ("Калиди дониши ҳайат") таълиф намуд. Ҳаким Умари Хайём дар осори риёзиаш ба таҳқиқи геометрии муодилаҳои алгебравӣ пардохта ва аз 14 навъи муодилаҳои дараҷаи сеюм 12-тои онҳоро кашф кардааст ва ғайра.

Хуллас, рисолаи номзадии Раҳимзода Қурбоналӣ Назар "Ҳаёти илмии халқи тоҷик дар асрҳои XI-XII" дар маҷмуъ таҳқиқоти анҷомёфта буда, барои дифоъ тавсия дода мешавад.

Доктори илмҳои таърих, профессори
кафедраи таърихи халқи тоҷики Донишгоҳи
миллии Тоҷикистон Расулиён Қаҳҳор Расул.

Имзои Қ.Р. Расулиёнро тасдиқ мекунам.
Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои
Махсуси Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Э. Тавқиев.

Нишонӣ: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17.
Тел: (+992) 938666463